**Тақриз**

**ба автореферати рисолаи диссертатсионии Калонзода Фаридун Иброҳимпур дар мавзӯи «Масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар таълимоти фалсафии Ибни Сино», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа. Душанбе, 2021. –47 саҳ.**

Дар қисмати муқаддимавии автореферат мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадафу вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии рисолаи дисертатсионӣ, сарчашмаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуқтаҳои асосие, ки барои ҳимоя бароварда мешаванд баён карда шуда, дар бораи саҳми шахсии унвонҷӯ ва аҳамияти амалии таҳқиқот, апробатсия ва сохтори кори диссертатсионӣ маълумот дода шудааст.

Баррасии масъалаи ҳаракат, фазо ва вақт дар фалсафаи Ибни Сино мавзӯи мубрам буда, дар қисмати муқаддимавӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба осори мутафаккир ва таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ равона гардида, ҳадафу навгонӣ ва аҳамияти амалии диссертатсия баён карда шудааст (с. 4).

Диссертант дар автореферати худ таъкид менамояд, ки ин мавзӯъ дар шакли алоҳида бори нахуст дар доираи илмӣ таҳқиқ гардида, тафовут ва умумияти андешаи мутафаккирро аз таълимоти дигар, махсусан Арасту ва мактабҳои фалсафии Эрони бостон – зарвонияву даҳрия нишон додааст. Ҳамчунин дар автореферат саҳми бевоситаи Маркази синошиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ дар таҳия ва тарҷимаи осори фалсафии Ибни Сино аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ қайд карда мешавад, ки дар ҳақиқат ҷанбаи таҳқиқии онро нишон медиҳад (с. 5).

Дар автореферат муҳтавои рисолаи диссертатсионӣ баён карда шуда, тавзеҳи бобҳо ва зербобҳои диссертатсия оварда шудааст. Дар боби аввал диссертант барои асоснок намудани рисолаи диссертатсионии худ дараҷаи омӯзиши мавзӯъро дар доираи фалсафаи Арасту ва маҳаққиқони муосири синошиносӣ, махсусан ватанӣ баррасӣ намудааст (с. 13).

Диссертант дар қисмати шарҳи зербобҳои боби аввал таҳқиқоти мутафаккирони муосири тоҷик А. Баҳоваддинов ва М. Диноршоевро дар ташаккули афкори фалсафаи табиати Ибни Сино махсусан таъкид карда,

ҳамчунин саҳми синошиносон Ф. Сироҷов ва Н. Раҳматуллоевро низ ишора намудааст (с. 16).

Калонзода Ф.И. дар қисмати баъдии автореферати дессертатсия, дар зербобҳои алоҳида таълимоти Ибни Синоро оиди ҳаракат, фазо ва вақт баён намудааст. Дар зербоби аввали боби дуюм чор шакли ҳаракат, ки Ибни Сино қоил буд нишон дода шуда, фарқи онҳо аз таълимоти Арасту оварда шуааст. Ин чор шакли ҳаракат-камӣ, кайфӣ, айнаӣ (маконӣ) ва вазъӣ мебошанд. Ба қавли муаллиф Ибни Сино ҷисм ё ғайриҷисм будани фазоро ба эътибор гирифта, иброз медорад, ки агар фазо ҷисм бошад ва мутамаккин дар ӯст, мутамаккин дар дохили ӯ хоҳад буд. Аммо дохили ҷисме бар ҷисме эҳтимол аст, пас фазо ҷисм ҳам будан наметавонад, зеро барои ҷисм шудан, бояд ё басит бошад ё мураккаб. Лекин агар ғайриҷисм бошад, мо наметавонем бигӯем, ки мутобиқу мусовии ҷисм аст, зеро ки чизе, ки мусовии ҷисм аст - ҷисм хоҳад буд (с. 17).

Дар осори Сино мафҳуми “вақт” бо “замон” ишора шуда, ба андешаи Ибни Сино вақт пайдо шуда наметавонад, зеро ҳаракат низ пайдо нашудааст. Ҳаракат аз лаҳзаҳо иборат аст, ки ҳар лаҳза дар байни оянда ва гузашта қарор дорад, ва “он” на ба гузашта ва на оянда мансуб буда наметавонад (с. 18).

Дар автореферат муаллиф, дар асоси таҳқиқи осори фалсафии Ибни Сино тавонистааст масъалаи мазкурро ба хубӣ баррасӣ намояд. Дар баёни мавзӯъ муаллиф аз усулҳои барои таҳқиқот хос – таърихиву мантиқӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ хуб истифода намудааст.

Умуман, автореферат эҷодкорона навишта шуда, мазмун ва мӯҳтавои ҳар як масъалаи матраҳгардида, дар сатҳи зарурии илмиву фалсафӣ таҳлил шудаанд. Дар кор мустақилияти фикрӣ ва таҳлилу андешаронии хоси муаллиф равшан мушоҳида мешавад.

Аз автореферат чунин бар меояд, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб фарогири панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Хулосаҳое, ки муаллиф пешниҳод намудааст, ҷанбаи муҳими илмӣ дошта, мантиқан асосноку дуруст буда, мақсадҳои гузошташуда дар дараҷаи кофӣ натиҷагирӣ гардиданд ва мустақилияти таҳқиқоти гузаронидаи муаллифро инъикос мекунанд.

Сарфи назар аз дастоварду муваффақиятҳои илмӣ дар шарҳу тавсифи мавзӯъҳои матраҳгардидаи автореферат баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Дар автореферат баъзан хатогиҳои услубӣ, махсусан дар қисмати муқаддимавии он ба назар мерасанд.
2. Автореферат аз хатогиҳои техникӣ низ холӣ нест, вале сарфи назар аз ин ҳама норасоиҳо ба мазмуни асосии он таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд.

Автореферати диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, бар асоси меъёрҳо ва талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудааст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа сазовор аст.

**Доктори илмҳои фалсафа,**
**профессори кафедраи таърихи**
**фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Р.С. Комилов**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17 тел:**
**93–305–78–53**

**Имзои д.и.ф., Комилов Р.С.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
**сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Э.Ш. Тавқиев**